# СУРАТҶАЛАСАИ №1

Маҷлиси умуми бо мақсади ташкил намудани Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ дар назди Шабакаҳои барқи ноҳияи Бохтар.

н. Бохтар 26.01.2015

Ҳузур доштанд: ҳамаги 23-нафар дар шумораи онҳо кормандони Шабакаҳои барқи ноҳияи Бохтар раисони ҷамоатҳо ва раисони маҳаллаҳо.

Интихоб намудан: Раиси маҷлис : Достиев А. А.
Котиби маҷлис: Касиров Н. Б.

**Рӯзнома:**

1. Тасдиқи рӯзнома
   Оиди ташкили Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ дар назди Шабакаҳои барқии ноҳияи Бохтар (минбаъд Шӯро)
2. Муҳокимаи лоиҳаи Низомномаи ширкат
3. Интихоби аъзоёни доимамалкунандаи Шӯро

1. Раиси маҷлис ҳузурдоштагонро бо рӯзномаи пешниҳодшудаи маҷлис шинос намуд.Сипас Достиев А барои овоздиҳӣ ба рӯзнома пешниҳод намуд. Рӯзномаи маҷлис бо як овоз қабул шуд. Баъдан масъалаҳо аз рӯи рӯзномаи тасдиқшуда дида баромада шуд.

2. Баромад намуданд: Раиси маҷлис оиди зарурияти ташкил намудани Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ дар назди Шабакаҳои барқии ноҳияи Бохтар баҳри баланд бардоштани иштироки ҷамъият дар фаъолияи ҳаётӣ ва кори Шабакаҳои барқии ноҳияи Бохтар оиди мақсад ва сохтори пешкашшуда баромад намудаанд. Раҳмонов Х бо дастгирии ташаббуси мазкур баромад намуданд. Раҳмонов Х пешниҳод намуданд, ки масъаларо ба овоздиҳӣ гузоранд.

   Овоз доданд: "тарафдор" – 23-нафар
   "зид"- нест
   "бетараф "- нест

   Қарор карданд:
   Мувофиқи супориши директори Ғенералии Барқи Тоҷик аз саннаи 01.10.2014 таҳти № 86 ташкил карда шавад.

3. Баромад намуд: Достиев А бо таклифи тасдиқ намудани шаҳрвандони дар маҷлиси умумӣ иштирок намуда истода ба ҳайси муассисон. Шахсоне, ки "тарафдор" овоз доданд, аъзои ширкат шуданро изҳор намуданд.

   Овоз доданд: "тарафдор" – 23-нафар
   "зид"- нест
   "бетараф "- нест

   Қарор карданд:
   Муайян кардани муассисони Шабакаҳои барқии ноҳияи Бохтар дар хайати 23-нафар.

4. Баромад намуданд: Достиев А бо пешниҳоди муҳокимаи лоиҳаи Низомномаи Шӯро Раҳмонов Х масъалаи ба овоздиҳӣ гузоштани тасдиқи Оинномаи Шуроро пешниҳод намуданд.

Овоз доданд: “тарафдор” – 23-нафар
“зид”- нест
“бетараф ”- нест

Қарор карданд:
Тасдиқ намудани лоиҳаи пешниҳодшудаи Низомномаи Шӯро.

5. Касиров Н.оид ба салоҳияти Шӯро ва инчунин бо пешниҳоди номзадии Достиев А-ро ба вазифаи Раиси Шӯро баромад намуд. Достиев А. бо пешниҳоди руйхати умумии аъзоёни Шӯро баромад намуданд. Масъала вобаста ба номзадҳо барои аъзогӣ ба Шӯро ба овоздиҳӣ гузошта шудан пешниҳод шуд.
Овоз доданд: “тарафдор” – 23-нафар
“зид”- нест
“бетараф ”- нест
6. Достиев А. Бо пешниҳоди Шӯро аз лаҳзаи қабул гардидани қарори Раиси Шабакаҳои барқи ноҳия Достиев А. оид ба ташкил кардани Шӯро он таъсисдода ҳисоб гардида, фаъолияти худро ба роҳ мемонад.
Масъала барои ба овоздиҳӣ гузоштан пешниҳод шуд.
Овоз доданд: “тарафдор” – 23-нафар
“зид”- нест
“бетараф ”- нест

Қарор кардан:
Аз лаҳзаи қарор дар бораи таъсиси додани машварати ҷамъиятӣ дар назди Шабакаҳои барқи ноҳияи Бохтар он таъсисдода ҳисоб карда шавад.

Раиси маҷлис : Достиев А. А.

Котиби маҷлис: Касиров Н. Б.

**Шабакаҳои барқии ноҳияи Бохтар**

# ҚАРОР

**“ 22 ” апрели соли 2015** **№ 1**

Дар бораи таъсис додани Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ дар назди Шабакаҳои барқии ноҳияи Бохтар

Бахри мустаҳкам гардонидани боварии аҳолӣ, шаҳрвандон, намояндагони ҷамъият ва тарафҳои манфиатдор бояд дар ҷараёни қабули қарорҳои таъминкунандаи қувваи барқ ҷалб карда шаванд.

Унсури асосии баланд бардоштани иштироки ҷамъияти дар фаъолияти ҳаёти ва кори Шабакаҳои барқии ноҳияи Бохтар –ин таъсис додани Шӯро мебошад.

Мавҷудияти Шӯро метавонад, кори фаъолиятнок, ҷалби воқеи ва бо ваколатҳои воқеии муайян доро будан, инчунин сатҳи баланди иштироки шаҳрвандонро дар қабулгардии қарорҳо таъмин намояд.

Бинобар гуфтаҳои боло ва дар асоси супориши хаттии Директори генералии ШСХК “Барқи Тоҷик” аз санаи 01.10.2014 таҳти № 86

**Қарор мекунам:**

1. Дар назди Шабакаҳои барқии ноҳияи Бохтар Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ таъсис дода шавад.
2. Низомномаи Шӯрои машваратии ҷамъияти тасдиқ карда шавад (Замимаи №1)
3. Ҳайати аъзоёни Шӯрои машваратии ҷамъияти тибқи рӯйхати ба қарор замимашуда, тасдиқ карда шавад. (Замимаи №2)
4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи сармуҳандиси Шабакаҳои барқии ноҳияи Бохтар Касиров Назарали вогузошта шавад.

Сардори Шабакаҳои барқи
ноҳияи Бохтар: А. Достиев

**Замимаи № 2**
Бо Қарори роҳбари Шабакаҳои барқи
ноҳияи Бохтар Достиев А. тасдиқ шудааст.

**Н И З О М Н О М А И**

Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ назди Шабакаҳои барқии ноҳияи Бохтар оид ба ҷалб намудани муштариён, намояндагони ҷамъиятӣ, маҳаллӣ ба иштирок дар фаъолияти ҳаёти ва кори Шабакаҳои барқии ноҳияи Бохтар оид ба масъалаҳои ҳуқуқ ва ҷамъияти маҳаллӣ.

## 1. Муқаррароти умуми

1.1. Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ оид ба ҷалб намудани муштариён, намояндагони ҷамъиятӣ, маҳаллӣ ба иштирок дар фаъолияти ҳаёти ва кориташкилоти  Шабакаҳои барқии ноҳияи Бохтар оид ба масъалаҳои ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии муштариёни тарафҳои манфиатдор ва ҷамъияти маҳаллӣ (минбаъд Шӯро) бо қарори сардори Шабакаҳои барқии ноҳияи Бохтар Достиев А. таъсис дода шудааст.

1.2. Шӯро мақомоти машварати ва ҷамъияти буда, фаъолияти худро дар асоси талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур ба роҳ мемонад.

1.3. Ҳайати Шӯро аз ҳисоби намояндагони ҷамъиятҳои маҳаллӣ (шаҳрак, ҷамоатҳо, маҳаллаҳо), дар асоси қарори роҳбари Шабакаҳои барқии ноҳияи Бохтар таъсис дода шуда, Шӯро ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои зарури намояндагони дигар мақомоту сохторҳои давлативу ғайридавлатиро ба кори худ ҷалб намояд.

1.4. Шумораи аъзоёни Шӯрои ҷамъияти бояд тоқ бошад.

## 2. Мақсад ва вазифаҳо

2.1. Мақсади асосии фаъолияти Шӯро ин ҷалб намудани муштариён, намояндагони ҷамъиятӣ, маҳаллӣ ба иштирок дар фаъолияти ҳаёти ва кори Шабакаҳои барқии ноҳияи Бохтар оид ба масъалаҳои ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии мушатариёни тарафҳои манфиатдор ва ҷамъияти маҳалли мебошад.

2.2. Вазифаҳои фаъолияти сохторҳои машварати ҷамъияти :
- ёрманди ва ташкили системаи санадҳои меъёрии дохили, қоидаҳо, сиёсат ва тартибот дар соҳаи барқтаъминкуни
- ташакулли механизми муассири намояндагии манфиатҳои муштариён ва ҷамъиятимаҳалли дар мақомотҳои идоракунии таъминкунанда;
- ташаккули системаи ошкоркуни ва тадбиқи ташаббусҳои ҷамъияти маҳалли оид ба ҳалли муамоҳои барқтаъминкуни;
- таъмини ҳамкории муассири намояндагони ҷамъияти маҳалли, ташкилотҳои ҷамъияти ва барқтаъминкуни инчунин дигар масъалаҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо дахл доранд;
- таъмини шароит оид ба ошкор кардани намояндагони фаъоли иҷтимоии тарафҳои манфиатдор, пешсафони потенсиали ё пешсафони ташаккулёфта ва таъмини минбаъдаи устуворгарди ва пешравии онҳо.

## 3. Ҳуқуқ ва кафолатҳо

3.1. Шӯро дар амалисозии фаъолияти худ ҳуқуқ дорад.
- манфиатҳои истеъмолкунандагон ва ҷомеаи маҳалиро дар мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлати,мақомотҳои худидоракунии маҳалли, ҳангоми қабул намудани қарорҳои таъминкунандагон намояндаги намояд; -
-дар фаъолияти қонунэҷоткуни дар сатҳи қабули қарорҳо аз тарафи таъминкунанда, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлати, хусусан дар соҳаи барқтаъминкуни иштирок намояд; -
-дар назорат кардан аз болои амалигардии санадҳои меъёрии ҳуқуқи дар соҳаи таъмини қувваи барқ ва дигар масъалаҳое, ки ба ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагони қувваи барқ таалуқ доранд иштирок намояд.
- барои гузаронидани чорабиниҳои муҳими иҷтимои аксияҳо ва ғайра ёрманди намояд.
-ҳангоми гузаронидани ҷаласа мавзӯи масъаларо барои маъруза ба Шӯро пешниҳод намояд; -
маҷлисҳои сайёрии худро дар ҷамоатҳо доир намояд ва бобати бехатару муассиртар ба роҳ мондани фаъолият дар самти баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии истеъмолкунандагони қувваи барқ дастурҳо диҳад. -

оид ба ичрои супоришу вазифаҳои гузашташуда дар самти баланд бардоштани иштироки муштариён, тарафаҳои манфиатдор ва ҷомеаи маҳалли дар фаъолияти ҳаёти ва кор Шабакаҳои барқи ноҳияи Бохтар аз ташкилоти таъминкунандаи қувваи барқ ва дигар мақомоту ташкилотҳои марбута ҳисоботҳо ва дигар маълумотҳоро талаб намояд;

## 4. Тартиби кор

4.1. Маҷлиси Шӯро дар фасли баҳору тобистон ва дар фасли тирамоҳу зимистон на камтар аз як маротиба дар як моҳ доир мегардад.

4.2. Шӯро котиби масъули худро интихоб менамояд, ки он:

а) кори аъзоёнро дар давраи байни маҷлисҳо таъмин мекунад;

б) масъалаҳоро бо ҷаласа тайёр менамоя ва рафти ичрои онро назорат мекунад.

4.3. Маҷлисҳо дар ҳолати иштироки аз се ду ҳиссаи аъзоёни он комилҳуқуқ ҳисобида мешавад.

4.4. Қарорҳои маҷлис бо аксарияти овози аъзоёни ҳузурдошта қабул карда мешавад.

4.5. Санадҳои Шӯро дар шакли қарорҳои протоколи қабул мешаванд.

4.6. Ба санадҳои қабулгардида Раис имзо гузошта, ҷараёни татбиқи онҳоро котиби Шӯро назорат менамояд.

4.7. Тарғибу иловаҳо ба Низомномаи Шӯро тариқи овоздиҳии аксарияти аъзоёни Шӯро ворид карда мешавад.

**Замимаи № 2**
Бо Қарори роҳбари Шабакаҳои барқи
ноҳияи Бохтар Достиев А. тасдиқ шудааст.

## Ҳайати Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ

| | | |
|---|---|---|
| Раиси Шӯро: | Достиев А. | - Раиси "шабакаҳои барқи" н. Бохтар |
| Муовини Раис: | Юсупов Абдуҷабор: | - Раиси ҷ/д. "Заргар" н. Бохтар |
| Котиби Шуро: | Касиров Назарали : | - Сармуҳандиси "Шабакаҳои барқи" н. Бохтар |

## А ъ з о ё н

| | |
|---|---|
| Раҳмонов Холмурод: | - муҳандиси пешбари реҷави "ШБ"-и н. Бохтар |
| Пиров Давлатбек: | - раиси маҳаллаи А.Ҷоми ҷ/д. "Заргар" |
| Муродов Рамазон: | - раиси маҳаллаи Обшорон ҷ/д. "Заргар" |
| Салимов Холмаҳмад: | -раиси маҳаллаи Навкор ҷ/д. С.Истиқлол |
| Олимов Ориф : | -раиси маҳаллаи 20-солагии Истиқлолият ҷ/д С.Истиқлол |
| Юлдошев Файзимаҳмад: | - раиси маҳаллаи Фаттоев ҷ/д. С.Истиқлол |
| Ғафурова Фотима : | -раиси маҳаллаи Баҳор ҷ/ш. И. Сомони |
| Камолов Фармон: | -раиси маҳаллаи Файзулло Абдуллоев ҷ/ш. И.Сомони |
| Ҳалимова Арабгул: | -раиси маҳаллаи Сино №5 ҷ/ш. И.Сомони |